# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол». – Душанбе, 2024. – 24 саҳ.**

Тасвири симои зан-модар яке аз мавзуоти ҷовидонаи адабиёти башар ба шумор меравад, ки дар тули таърихи дуру дароз марҳилаҳои гуногуни таҳаввулу ташаккулро паси сар намудааст. Перомуни масъалаи мазкур то кунун пажӯҳишҳои фаровоне рӯйи кор омадаанд.

Пажӯҳиши анҷомдодаи Раҳимӣ Миҷгона дар адабиётшиносии тоҷик бо фарогирии давраҳои гуногуни адабиёт сухани комилан тоза мебошад.

Дар қисмати муқаддимаи автореферат диссертант мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва сарчашмаҳо, навгонии илмии диссертатсия, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ ва дигар талаботе, ки дар навиштани автореферат заруранд, ба таври илмӣ ва асосноку барҷаста баён кардааст.

Дар қисмати боби аввал, ки “Сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсии тоҷикӣ” унвон дорад, диссертант масъалаи тасвири симои зан-модарро дар устураҳои эронӣ ва адабиёти аҳди бостон, дар адабиёти асримиёнагии форсии тоҷикӣ ва ҳамчунин, масъалаи занситезӣ дар ҷомеаи асримиёнагию бозтоби онро дар адабиёт бо овардани далелҳои мушаххас ва хулосаҳои ҷолиби илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки барои возеҳ сохтани воқеияти илмии хулосаҳои худ сарчашмаю китобу мақолаҳои зиёдеро мисол овардааст, ки гувоҳи огоҳии комил доштани диссертант аз дараҷаи омӯзиши мавзуъ мебошад.

Боби дуюми диссертатсия “Таҳаввули тасвири симои зан- модар дар шеъри замони истиқлол” таҳқиқи масъалаҳои тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар ашъори шоирони муосири тоҷик, дар шеъри шоирони насли аввал (ашъори Раҳмат Назрӣ), шоирони насли дуюм (шеъри Фарзона) ва дар шеъри шоирони насли сеюм (ашъори Озар

Салим) фаро гирифтааст, ки диссертант тафовуту умумиятҳои маҳорати суханварии наслҳои гуногуни шоиронро дар баёни мавзуи мазкур бо хулосаҳои қолиби илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

"Ҷанбаи ҳунарии шеъри замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар" боби сеюми рисоларо ташкил додааст, ки диссертант барои таъин намудани мушахассоти ҳунарии суханварони замони Истиқлол ашъори ба зан-модар бахшидаи онҳоро аз нигоҳи чигунагии вижагиҳои лафз накд кардааст.

Сохтори автореферат, таҳлил, тадқиқ, таҳқиқ ва хулосаҳои диссертант аз лиҳози илмӣ комил буда, гувоҳи огоҳии комили ӯ аз назарияи адабиёт мебошанд. Хатоҳои имлоию техникӣ ҳам дар автореферат хеле кам ба мушоҳида мерасанд.

Дар баробари ҳамаи комёбию муваффақиятҳо дар автореферат баъзи норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд:

1. Муҳаққиқ масъалаи занситезиро дар адабиёти асримиёнагӣ ба миён гузошта, онро ба адабиёти Араб пайванд медиҳад. Аммо агар некӯ назар андозем, аз се мактаби фикрии пешазисломӣ, ки осораш дар адабиёти классикии мо мавҷуд аст, яке мактаби фикрии Монӣ мебошад. Монӣ тани одамиро сарчашмаи бадиҳо мешумурд, ки инсонро ба майлу хоҳишҳо водор мекунад. Занро зодаи Аҳриман медонист, ки фарзанд ба дунё меорад ва зану фарзанд дилбастагиро ба дунё ҳосил мекунанд. Баъдтар, тавре муҳаққиқон менависанд, таълимоти Монӣ ба бисёр кишварҳои дунё пахн гардид.
2. Дар девони Хоқонӣ илова ба он чи ки диссертант овардааст, қасидаҳои олии дигаре дар ситоиши зан-модар ҳастанд, ки аз нигоҳи баён хеле муассиранд. Масалан, ду марсияе, ки ӯ дар рисои ҳамсараш, яке бо матлаъи

   Бе боғи рухат ҷаҳон мабином,

   Бе доғи ғамат равон мабином. (Девон, саҳ. 306-307)

   Ва дигар қасидае бо матлаи зер:

Бас вафопарвард ёре доштам,

Бас ба роҳат рӯзгоре доштам. (Девон, саҳ. 307-308)

Бо як сӯзу дарди хос суруда шудаанд, ки аз ҷониби хоқонишиносон баҳои баланд гирифтаанд.

3. Агар диссертант аз назарияи нақди феменистӣ, ки ба таври куллӣ ба масоили занон (ба маънои васеаш) таваҷҷуҳ дорад, огоҳӣ медошт, ҷанбаи илмии диссертатсия қавитар мегашт.

Камбудиҳои зикргардида, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши автоефератро кам намегардонад ва ислоҳи онҳо дар оянда боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи илмии таҳқиқот мегардад.

Муҳимтарин паҳлуҳои таҳқиқоти мазкур дар 12 мақолаи муаллиф, аз ҷумла дар 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифода гардидааст.

Аннотатсияи автореферат, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охир оварда шудаанд, моҳияти илмии таҳқиқоти мазкурро ба таври фишурда инъикос мекунанд.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи назария ва**
**адабиёти навини форсии тоҷикии**
**факултети филологияи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарифзода Боймурод**

**9-уми январи соли 2025.**

**Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,**
**кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, б. 64, ҳ. 111.**
**Телефон: (+992) 937971022.**
**E-mail: boymurod@inbox.ru**

**Имзои Шарифзода Боймуродро**
**тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.**